«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳуҷвахтзода Қ.Х.

_____

«_2_» _____соли 2022

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба иҷро расидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Каримов Даврон Бобомуродович унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Каримов Даврон Бобомуродович соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2018 онро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» бо баҳои «аъло» хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 20 майи соли 2022, таҳти №92 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: – Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Ҳифзи саломатии аҳолӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат аст, зеро вазъи саломатии аҳолӣ

нишондиҳандаи муҳимми сатҳи рушди ҷомеа ва давлат мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки «Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад».

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа ва ғайра, инчунин ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон эътироф шудааст.

Дар м. 1 Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017, таҳти №1413 дар робита ба мафҳуми ҳифзи саломатӣ муқаррар карда шудааст, ки ин «Низоми тадбирҳои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ дошта, ки ба пешгирӣ ва табобати беморихо, нигоҳдории гигиенӣ ва санитарии ҷамъиятӣ, нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии ҷисмонӣ ва руҳии инсон, инчунин нигоҳдории ҳаёти фаъоли дарозумрӣ ва расонидани кумаки тиббӣ ба ӯ дар ҳолати аз даст додани солимӣ равона карда шудааст» ба ҳисоб меравад.

Барои бартараф сохтани ҷараёнҳои манфӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар айни замон фаъол намудани шаклҳои назорат аз ҷониби давлат, пурзур намудани воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятии мубориза бо кирдорҳои ба саломатии аҳолӣ таҷовузкунанда, аз ҷумла муомилоти муомилоти ғайриқонунӣ бо моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар зарур мебошад.

Мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок яке аз мушкилоти муҳимтарини амнияти миллӣ мебошанд.

Барои муборизa бар муқобили чунин кирдорҳо қонунгузор дар м. 206 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намудааст.

Ҳамасола сатҳи баланди паҳншавии ғайриқонунии ин моддаҳо дар байни аҳолии кишвар бахусус дар байни кӯдакону ва ҷавонон ба назар мерасад. Нокофӣ будани танзими ҳуқуқии танзими муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ва вобаста ба ин афзоиши истеъмоли ғайритиббии онҳо ба афзоиши қочоқи онҳо аз кишварҳои мухталифи хориҷӣ мусоидат кардааст.

Ҷунончӣ дар давоми солҳои 2015-2021 сатҳи ҷиноятқорӣ вобаста ба ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан якранг набуда, ҳам тамоюли рӯ ба афзоиш ва ҳам камшавиро доро мебошанд. Масалан, дар соли 2015–8; 2016–20; 2017–9; 2018–17; 2019–18; 2020–9; 2021–11 ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ба қайд гирифта шудаанд.

Миқёси муомилоти ғайриқонунии моддаҳои таъсирбахшро аз рӯйи ҳаҷми муомилоти қонунии воситаҳои доруворӣ муайян кардан мумкин аст, ки қариб тамоми моддаҳои зикршударо дар бар мегиранд. Тибқи ҳисобҳои коршиносон, дар соли 2020 гардиши онҳо $900,7 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод, ки ин назар ба воридот аз гардиши ярок тақрибан 2 баробар зиёд аст.

Яке аз хусусияти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд аз он иборат аст, ки муомилоти онҳо дар мамлакати мо мутобиқи қонунгузорӣ манъ ё маҳдуд карда шудааст.

Муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд дар заминаи истеъмоли намудҳои алоҳидаи воситаҳои мазкур боиси ба фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб гардидани доираи зиёди одамон, ба хусус ҷавонон, аз ҷумла варзишгарон шуда метавонад.

Ба ин нигоҳ накарда, масоили ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар фарқият аз муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъадор ва психотропӣ то андозае аз мадди назар дур шудааст. Тасдиқи ин гуфтаҳо аз он бармеояд, ки дар айни замон, ягон барномаи мақсадноки давлатӣ дар самти мубориза мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба шахси дигар додан вуҷуд надорад.

Мушкилоти ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд пеш аз ҳама бо вайрон кардани дастуру қоидаҳои муомилоти ин намуди моддаҳо алоқаманд мебошад.

Муомилоти қонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд тавассути шумораи зиёди санадҳои меъёри дар соҳаҳои гуногуни фаъолият амалкунанда – тиб, байторӣ, дорусозӣ, саноати кимиё, варзиш ва ғайра ба танзим дароварда мешаванд, ки ин то андозае кори мақомоти ҳуқуқтатбиққунандаро мушкил мегардонад.

Бар замми ин, дар масъалаи маънидод намудани аломатҳои таркиби ҷинояти м. 206 КҶ ҶТ ҷой надоштани тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ низ ба татбиқи якхелаи меъёри мазкури КҶ ҶТ мусоидат карда наметавонад.

Ғайр аз ин, масоили ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки мумкин аст, ҳамчун воситаҳои манъшуда – допинг истифода шаванд, ҳалли худро дар қонунгузории ҷиноятӣ пайдо накардааст, гарчанде ки ҶТ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо допинг дар варзиш аз 11 августи соли 2011 ҳамроҳ шудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои банду басти ҷинояти мазкур, такмил додани ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят низ

ақидаҳои гуногун баён шудаанд, ки таҳлил ва баҳогузории муайянро талаб месозанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд» бахшида шудааст, омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, омӯзиши амалияи судӣ, маводҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, тамоюлҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра, ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар робита бо мақсади таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

– омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

– таҳлили асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

– гузаронидани таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан тибқи қонунгузории ҷиноятии ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи объект ва предмети ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мутобиқи қонунгузории ҷиноятии ватанӣ;

– таҳқиқи аломатҳои тарафи объективии ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

– таҳқиқи аломатҳои субъективии ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

– баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

– коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ҳангоми содиршавии ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ба вуҷуд меоянд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва арзёбии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, таърихи ташаккули ин ҷиноят, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ марбут ба муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, инчунин такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт дар бар мегирад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан амалӣ гардида, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили м. 206 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани аломатҳои иловагии бандубастшаванда ва намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба ин ҷиноят пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои бандубастшавандаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, бахусус

«бо истифода аз мақоми хизматӣ» ифода меёбад. Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки хусусияти латентии (рӯйпушшавии) ҷинояти м. 206 КҶ ҶТ дар воқеияти ҳаёт аз байн равад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони назораткунандаи муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд муборизаи шадидро бо ин намуд ҷиноятқорӣ тавсеа бахшанд.

Дар диссертатсия вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷиноятқорӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

– дар асоси таҳлили таърихи ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар самти пешгирии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, танзими ҳуқуқии муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мавҷудияти вобастагии иҷтимоии, робита ва қайду шарти ҳамдигарии ин ҷиноят бо воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давраҳои муайяни инкишофи қонунгузорӣ;

– таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ);

– дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили м. 206 КҶ ҶТ оид ба ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мувофиқи мақсад мебошад;

– пешниҳодҳо дар хусуси муайян намудани объекти бевосита, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии м. 206 КҶ ҶТ ва ғайра.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Криминализатсияи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ мебошанд, ки он пеш ҳама ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ равона гардидаст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ин кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ мувофиқ ва одилона мебошад.

2. Мафҳуми моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ, дар муқоиса бо мафҳуми нашъамандӣ ва моддаҳои психотропӣ дар замина пешбинӣ нагардидаанд. Номуайянии то ҳол мавҷудбудаи истилоҳот вобаста ба моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсир бояд бо таҳрир мувофиқи матни ин модда ислоҳ карда шаванд, то ки самарнокии иҷтимоии онҳоро таъмин кунад.

3. Пешгирӣ ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд пеш аз ҳама ба андешаи мо аз омилҳои зерин вобастагӣ доранд: омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ; омилҳои криминологӣ; омилҳои ҳуқуқӣ.

4. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ҳамчун таркиби алоҳида дар тамоми қонунҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ муқаррар карда шудааст ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (Кодексҳои ҷиноятии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Арманистон, Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Беларус), ҳамзамон вобаста ба аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда ва аломатҳои бандубастшаванда ин ҷиноят тафовутҳо мавҷуд мебошанд.

5. Таҷрибаи мусбати қонуни ҷиноятии Украинаро ба инобат гирифта, ба моддаи 206 КҶ ҶТ илова намудани эзоҳ дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Шахсе, ки моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд бо ихтиёри худ месупорад, агар дар ҳаракати ӯ дигар таркиби дигар ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд озод карда мешавад».

6. Объекти бевоситаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар доданро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмонии аҳолиро ба пуррагӣ таъмин месозанд, ташкил медиҳад.

7. Предмети ҷинояти баррасишаванда моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд мебошанд, ҳамзамон дар КҶ ҶТ предмети ҷинояти мазкур мушаххас муайян карда нашудааст, зеро ба он моддаҳои масткунанда, психоактивӣ, доруҳо ва дигар моддаҳое дохил мешаванд, ки дар таркибашон моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсир доранд, аз ҷумла иловаҳои фаъоли биологӣ (иловаҳои парҳезӣ), ки ҳам дар муассисаҳои тиббӣ ва ҳам берун аз онҳо истифода мешаванд ва моддаҳое, ки ҳамчун допинг истифода мегарданд.

8. Ба моддаи 206 илова намудани эзоҳ ва муайян намудани таърифи моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар таҳрири зерин зарур мебошад:

Моддаҳои сахттаъсир – объектҳои синтетикӣ ё табиӣ, ки ҳангоми истифодаи беиҷозат ё суиистифода ба саломатии инсон зарари назаррас расонида метавонанд ва бо мақсадҳои дар моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ворид карда шудаанд.

Моддаҳои заҳролуд – объектҳои пайдоиши синтетикӣ ва табиӣ мебошанд, ки ҳангоми миқдори хурд ҳангоми ворид кардани ба ҷисми инсон ба заҳролудшавӣ ё марг оварда мерасонанд ва бо мақсадҳои моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир дохил карда шудаанд. Ин мафҳумҳоро ҳамчун меъёр барои муайян кардани моддаҳои нави сахттаъсир, заҳролуд ва дохил намудани онҳо ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

9. Криминализатсияи муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва допинг бо мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан мубрам мебошад. Бинобар ин, ба КҶ ҶТ илова намудани таркиби нави ҷиноят дар таҳрири зерин зарур мебошад:

«Моддаи 206[2]. Муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд.

1) Ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд

бо.....ҷазо дода мешавад

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ

бо.....ҷазо дода мешавад

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) ба миқдори калон содир шуда бошад;

бо.....ҷазо дода мешавад».

10. Коркард ва таҳияи Барномаи мақсадноки ҷумҳуриявӣ, ба монанди «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи мақсад аст.

11. Соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо истифода аз дорухатҳои қалбакӣ нисбат ба дигар тарзҳои ғайриқонунии соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд хавфи афзояндаи ҷамъиятӣ дорад. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки ба қ. 2 м. 206 КҶ ҶТ ворид намудани аломати бандубастшаванда дар таҳрири зерин зарур мебошад: «Бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд».

12. Тарафи объективии ҷинояти баррасишавандаро амалҳое ташкил медиҳанд, ки аз истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан, ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд иборат мебошанд. Бинобар ин ба ақидаи мо илова намудани тағйирот ба Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002, таҳти №5 дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Дар бораи таҷрибаи судӣ дар парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқаманданд, моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд», инчунин ба он илова намудан тавзеҳоти зерин марбут ба амалҳое, ки тарафи объективии ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролудро ташкил медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла:

– зери мафҳуми ғайриқонунӣ тайёр намудани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, бояд ҳама гуна кирдори барқасдонае, ки аз ҷониби гунаҳкорон бо вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон содир гардидааст, ки дар натиҷаи он як ё якчанд моддаҳои аз ибтидо (доруворӣ, химиявӣ ва дигар моддаҳо) ё якчанд моддаҳои сахттаъсир ё

заҳролуд барои истифода ва истеъмол омодагардида ба даст оварда мешавад;

– зери мафҳуми коркарди ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрдор содир намудани кирдори барқасдонае, ки бо вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соф кардани (аз дигар омехтагиҳо тоза кардан) омехтагиҳои сахт ва моеъи дар таркибашон як ё якчанд моддаҳои сахттаъсир ё заҳрдор, ё ин ки дар омехтагиҳо афзун гардонидани маҳлули моддаҳои сахттаъсир ё моддаҳои заҳрдор, инчунин омехтанамоии онҳо бо дигар моддаҳои доругӣ бо мақсади зиёд таъсирнокии онҳо ба ҷисми инсон равона гардидааст, фаҳмида мешавад;

– ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бояд ба ҳар гуна тарзҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани онҳо фаҳмида шавад, аз ҷумла харид ба сифати василаи ҳисобаробаркунии тарафайн, ҳамчун подош барои кори анҷомдодашуда, ёрии расондашуда ё дар пардохти қарз ба ивази дигар молҳо ва анҷомҳо, қарз ё тӯҳфа гирифтан, азхудкунии анвои ёфташуди онҳо, хизматрасониҳо ё пардохти қарз бар ивази молу ашёҳои дигар фаҳмида мешавад;

– зери мафҳуми ба соҳибияти шахси дигар додан бояд ҳар роҳи бемузд ва бомузд ба шахси дигар додани онҳо фаҳмида шавад (фурӯхтан, тӯҳфа додан, иваз кардан, пардохти қарз, қарздиҳӣ, инчунин бо роҳи огоҳ намудани ҷойгоҳи нигоҳдорӣ ба харидор ва ҳамчунин дигар роҳҳои паҳнкунӣ фаҳмида шавад.

13. Бо назардошти содир кардани ҷиноят дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо истифода аз мақоми хизматӣ ва инчунин хавфи ҷамъиятии ин ҷиноятҳо ба қ. 2 м. 206 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшаванда: «бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад» ба мақсад мувофиқ мебошад.

14. Барои фаргузорӣ намудани ҷинояти мазкур вобаста ба андозаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд зарур мешуморем, ки дар баробари чунин аломати бандубастшаванда ба

монанди «миқдори калон» инчунин содир гардидани он ба «миқдори махсусан калон» ҳамчун аломати махсусан бандубастшаванда дар қисми 3 м. 206 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад. Бинобар ин ворид намудани тағйирот ва иловаи зеринро ба м. 206 КҶ ҶТ пешниҳод менамоем:

– ба қ. 2 илова намудани аломати «вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори калон содир шуда бошад»;

– ба қ. 3 илова намудани аломати «вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад».

15. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки агар дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд муқаррар карда мешуд (чӣ тавре ки қонунгузор чунин таркибҳои ҷиноятро нисбати маводи радиоактивӣ (м. 194 КҶ ҶТ), лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (м. 199 КҶ ҶТ), воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (м. 202 КҶ), прекурсорҳо (м.202[2] КҶ ҶТ) муайян сохтааст). Бо дарназдошти хусусият ва дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнок доштани тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав 206[3] «Тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад.

16. Тамоюли моилсозӣ ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд низ дар навбати худ, хавфи ҷамъиятӣ дорад. Дар айни замон, баъзе аз ин моддаҳои сахттаъсире дар байни варзишгарон маъмул мебошанд, ки барои танзимнамоии ҳаҷми ҷисми истифода мегарданд. Дар амал ҳолатҳои паҳншавии ин моддаҳои сахттаъсир мавҷуданд, масалан, сибутрамин, тестостерон, станозолол, стенболон ва ғайра, ки ба саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Вобаста ба ин ҳолат, пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав 206[4] «Моил кардан ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло м. 206 КҶ дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

Моддаи 206. Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан

1) Ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд,

бо ....ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) такроран содир гардида бошад;

в) бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

г) бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (инчунин шабакаи Интернет);

д) бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд;

е) вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори калон содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори калон содир шуда бошад;

в) вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ:

1) Моддаҳои сахттаъсир – объектҳои синтетикӣ ё табиӣ, ки ҳангоми истифодаи беиҷозат ё суиистифода ба саломатии инсон зарари назаррас

расонида метавонанд ва бо мақсадҳои дар моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ворид карда шудаанд.

2) Моддаҳои заҳролуд – объектҳои пайдоиши синтетикӣ ва табиӣ мебошанд, ки ҳангоми миқдори хурд ҳангоми ворид кардани ба ҷисми инсон ба заҳролудшавӣ ё марг оварда мерасонанд ва бо мақсадҳои моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир дохил карда шудаанд. Ин мафҳумҳоро ҳамчун меъёр барои муайян кардани моддаҳои нави сахттаъсир, заҳролуд ва дохил намудани онҳо ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

3) Шахсе, ки моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд бо ихтиёри худ месупорад, агар дар ҳаракати ӯ дигар таркиби дигар ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд озод карда мешавад.

Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ аст.

Оид ба мухтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ интишор гардидааст:

1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Каримов Д.Б. Объекти ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 278–283

[2-М]. Каримов Д.Б. Масоили ҷавобгарии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2020. – №3 (35). – С. 172–178.

[3-М]. Каримов Д.Б. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа / Д.Б. Каримов // Маҷалаи Қонунгузорӣ. – 2020. – №3(39). – С. 89–95.

[4-М]. Каримов Д.Б. Субъекти ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади басоҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2020. – №4 (36). – С. 197–201.

[5-М]. Каримов Д.Б. Тарафи субъективии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №3 (23). – С. 192–198.

[6-М]. Каримов Д.Б. Муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд / А.И. Сафарзода, Д.Б. Каримов // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 196–201.

2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Каримов Д.Б.Уголовно-прававая политика в сфере борьбы против незаконного оборота силнодействующих или ядовитых веществ с целю сбыта / Д.Б. Каримов // международная студенческая научно-практическая конференция «Актуальные вопросы юриспруденции», Душанбе, Российско-Таджикский (Славянский) университет, 26 апреля 2019. – С. 67–70.

[8-М]. Каримов Д.Б. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ(солҳои 2019 -2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» ва Ҷилди II . – Душанбе, Чопхонаи ДМТ. – Душанбе. – 2019. – С. 169–170.

[9-М]. Каримов Д.Б. Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ оид ба масъалаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд / Д.Б. Каримов // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон» Душанбе – 2019. – С. 590–592.

[10-М]. Каримов Д.Б. Тавсифи умумии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию

амалӣ дар мавзуи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» соли 2020. – С. 56–58.

[11-М]. Каримов Д.Б. Вазъи иҷтимои-ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтаъсир ё заҳролуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Б. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – С. 277–279.

[12-М]. Каримов Д.Б. Табиати ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан / Д.Б. Каримов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 70–83.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба мухтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Каримов Д.Б. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо

мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16, «зид» – 0, «бетараф» – 0, протоколи №12 аз 1 июли соли 2022.

Раиси ҷаласа:
И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ. Раҳмонзода М.Ҷ.

Котиби ҷаласа:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ. Холиқзода Ш.Л.

Имзои Раҳмонзода М.Ҷ. ва
Холиқзода Ш.Л.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои

махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

“2” июл 2022с.